**Тақризи роҳбари илмӣ**

ба диссертатсияи Асомуддини Рамазони Каримзода дар мавзуи «Такмили механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии захираҳои заминҳои кишоварзӣ (дар маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент)

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шароити имрӯза мубрам арзёбӣ мегардад, зеро дар таҷрибаи кунунии иқтисоди миллӣ масъалаи такмили механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии захираҳои заминҳои кишоварзӣ дар маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ коркард нагардидааст. Аз таҳлили адабиётҳои иқтисодӣ маълум мегардад, ки нисбати баъзе ҷанбаи мавзуи диссертатсионӣ ақидаҳои гуногун ҷой доранд ва зарурияти таҳқиқи пурраи ин мавзуъ ба миён меояд.

Маврид ба зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масири таъмини рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ қарор дорад. Ҳадафҳои асосӣ ва стратегии кишвар бо таваҷҷуҳ ба таъмини амнияти ғизоӣ, амнияти энергетикӣ ва баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ дар пайванд бо принсипҳои асосии консепсияи рушди устувор давра ба давра дар амал татбиқ мешаванд.

Таъмини сатҳи баланди нишондиҳандаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоӣ дар муқоиса ба солҳои гузашта ва устувории тамоюли инкишофи иқтисоди миллӣ гувоҳи бевоситаи самаранокии сиёсати пешгирифтаи давлат ва Ҳукумати кишвар мебошад. Чуноне ки Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии хеш хеле бамаврид зикр намудаанд, ки: “Сарфи назар аз таҳаввулоти дар иқтисоди ҷаҳон идомадошта ва таъсири манфии омилҳои берунӣ ба иқтисоди миллии мо, дар натиҷаи татбиқи самараноки ислоҳоти иқтисодӣ, амалӣ намудани стратегияву барномаҳо ва тадбирҳои зиддибуҳронӣ дар панҷ соли охир рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ҳамасола ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7,3 фоиз таъмин гардида, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 71 миллиард ба 115 миллиард сомонӣ расид ва ба ҳар сари аҳолӣ 1,5 баробар афзоиш ёфт.

Вобаста ба ин мушкилоти соҳаи иқтисодӣ бо соҳаи экологӣ дар самти истифодаи захираҳои табиӣ, нигоҳ доштани агроландшафтҳо ва экосистемаи табиӣ алоқаманд буда, тайи ду даҳсолаи охир, махсусан дар давраи гузаштан ба шароити нави хоҷагидорӣ ин вазъият боз ҳам

печидатару душвор шудааст. Мушкилоти асосӣ дар самти бад шудани ҳолати экологии заминҳо ва зиёд шудани заминҳои таназзулёфта дар нокифоя будани ҳаҷми маблағҳо барои таҷдиди системаҳои обёрӣ ва тадбиқи мелиоративӣ, гарон будани арзиши нуриҳои органикӣ ва минералӣ, номукаммалии механизми хоҷагидорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин таъсири манфии пандемия (COVID-19) ва ноустувории сиёсӣ дар ҷаҳон ба буҳрони молиявӣ оварда расонид, ки дар натиҷа болоравии нархи маҳсулоти нафтӣ ва сӯзишворӣ, нуриҳои менералӣ ва органикӣ ба амал омад ва норасогии инҳо боиси бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ гардида, ҳосилнокии зироатҳои кишоварзиро коҳиш медиҳад. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар истифодаи экологии заминҳои кишоварзӣ бояд роҳу равиши нави истифодабарӣ ва механизмҳои самараноки идоракунии он кор карда баромада шавад. Ин ва дигар омилҳои овардашуда боз ҳам аз мубрамият ва зарурияти мавзуъи тадқиқотии интихобнамудаи мо шаҳодат медиҳад.

Вобаста ба ин, самти асосии истифодабарии заминҳои кишоварзӣ бояд роҳандозӣ ва технологияи инноватсионӣ дар амал тадбиқ шуда, компютерикунонии раванди истеҳсолоти кишоварзӣ ба роҳ монда шавад, зеро ин омилҳо боиси баланд бардоштани ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ гардида, истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ва рушди устовори онро таъмин менамояд.

Аз ин лиҳоз зарурияти коркард ва асоснокии такмили механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии захираҳои заминҳои кишоварзӣ, масоили муҳимияти мавзӯи тадқиқоти диссертатсиониро ташкил медиҳад.

Дар се боби диссертатсия ба таври пайдарпайии мантиқӣ мундариҷаи мавзуъ ташаккул ёфта, муаллиф кӯшиш ба харҷ додаст, ки аз ҷиҳати назариявӣ онро равшану возеҳ гардонад. Дар боби якум «Асосҳои илмӣ-услубии идоракунии экологӣ-иқтисодии захираҳои заминҳои кишоварзӣ» унвонҷӯ ҷанбаҳои назариявии идоракунии экологӣ-иқтисодии истифодаи захираҳои заминҳои кишоварзӣ, хусусиятҳои идоракунии экологӣ-иқтисодии истифодаи захираҳои заминҳои кишоварзӣ ва таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ дар самти идоракунии экологӣ-иқтисодии захираҳои заминҳои кишоварзӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Дар боби дуюми диссертатсия «Арзёбии вазъи экологӣ - иқтисодии истифодаи захираҳои заминҳои кишоварзии ҷумҳурӣ» муаллиф кӯшиш намудааст, ки ҳолати кунунӣ ва тамоюлҳои истифодаи захираҳои замин дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баҳодиҳии экологӣ-иқтисодии истифодаи самараноки заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ омӯхта шуда,

масъалаҳои ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ, вазъи экологӣ ва мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ, раванди тағйирёбии заминҳои кишоварзӣ таҳлил ва арзёбӣ намуда, хулоса ва тавсияҳои асоснокро ҷиҳати пешрафти соҳа тавсия намудааст. Инчунин, унвонҷӯ Асомуддини Р.К. кӯшиш намудааст, ки ҳолати муосири инкишофи идоракунии истифодаи экологӣ-иқтисодии захираҳои заминҳои кишоварзиро дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи ҷадвалҳо ва диаграммаҳои оморӣ ва дуруст дарҷ намояд.

Дар боби сеюм «Самтҳои такмили механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии захираҳои заминҳои кишоварзӣ» муаллиф истифодаи комплексии механизмҳои кам кардани хавфи экологии истифодаи идоракунии заминҳои кишоварзӣ, самтҳои рушди механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии истифодаи захираи заминҳои кишоварзӣ, ҷорисозии технологияи инноватсионӣ дар идоракунии истифодаи экологӣ-иқтисодии заминҳои кишоварзӣ бо истифода аз моделҳои математикии *ALCCE* ва арзёбиҳои иқтисодии ададҳо ва коэффитсенти *Алфа Кронбах* муайян намудааст.

Дар дисмати хулосаи диссертатсия натидахри асосии илмӣ дамъбаст гардида, тавсияхри мушаххаси муаллиф оид ба истифодаи амалии натидахр ва далли муаммохри дар диссертатсия баррасигардида, оварда шудаанд

Вобаста ба мавзуи диссертатсия унвонҷӯ Асомуддини Р.К. дар раванди баргузории конфронсҳои байналхалқӣ ва ҷумҳуриявӣ фаъолона иштирок ва баромад намуда, 13 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст. Аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 3 мақола дар маҷаллаҳои Scopus ва Web of Science индексатсияшаванда нашр шудаанд.

Диссертатсияи Асомуддини Р.К. ба ақидаи мо пурра таҳқиқоти илмӣ буда, аз ҷониби муаллиф дар сатҳи баланди касбӣ иҷро гардида, хусусияти амалӣ дорад.

Дар тақвияти гуфтаҳои боло қайд намудан ба маврид аст, ки вазифаҳои гузошташудаи муҳаққиқ пурра дар матни диссертатсия иникос ва тадбиқи худро ёфта, таҳқиқоти баанҷомрасида шуморида мешавад.

Диссертатсия унвонҷӯ дар асоси талаботхои Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №3 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.

Бо назардошти мутобиқат намудани навгониҳои илмии диссертатсия ба ихтисоси менеҷмент, диссертатсияи Асомуддини Р.К. дар мавзуи «Такмили механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии захираҳои заминҳои кишоварзӣ (дар маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) ҷиҳати ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор ректори Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Хушвахтзода Қ.Х.

Имзои Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт,
ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро
тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

15.09.2023